# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогиии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Кори таҳқиқотии Исматдинов Алишер Муҳамадович ба яке аз мавзуъҳои актуалӣ бахшида шуда, фарҳанги экологӣ ҳамчун фарҳанги ҷамъият ва ҳамчун фарҳанги шахсият мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Фарҳанги экологӣ чун фарҳанги ҷамъият ҳодисаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар чаҳорчӯбаи муносибати дувум фарҳанги экологӣ чун сифати интегративии шахсиятии фард, ки фаъолият ва рафтори ӯро дар муҳити иҷтимоию табиӣ тавсиф мекунад, ба таҳлил кашида мешаванд.

Дар рисола мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, ҳадафи таҳқиқот, объект, масъалаҳо, усулҳо, соҳа ва марҳилаҳои таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии он, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва саҳми шахсии довталаб нишон дода шудааст. Фарҳанги экологии омӯзгорро чун як қисми фарҳанги умумӣ ва касбию педагогии ӯ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маъхазҳои педагогӣ фарҳанги педагогӣ дар муддати тӯлонӣ аз ҷиҳати шуури муайян пешниҳод мешуд ва он ба шарҳи дақиқи илмӣ зарурат надошт. Мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» ҳамчун тамоми меъёрҳо, қоидаҳои рафтор, муайян намудани одоби педагогӣ, техника ва маҳорати педагогӣ ва таълими педагогӣ фаҳмида мешуд. Ба сифати чунин арзишҳо донишу ғоя ва консепсияҳое баромад мекунанд, ки дар ҳамин марҳила барои ҷамъият, низоми алоҳидаи педагогӣ ва шахсият аҳамияти калон доранд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги касбию педагогӣ дараҷаи муайяни принсипҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳои касбию педагогӣ мебошад, ки омӯзгор бояд онро азхуд кунад ва он бо ташаккули қисмҳои аксиологӣ, технологӣ ва шахсию эҷодӣ вобаста аст.

Дониши экологии омӯзгор бояд ба эътиқоди экологӣ табдил ёбад, ки дар сохтори фарҳанги экологӣ ташкилаи эҳсосию оқилона буда, асоси онро идеалҳои муайян ташкил мекунанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ дар он зоҳир мегарданд, ки шароитҳои дидактикии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимии олӣ илман асоснок карда шудаанд. Барномаи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» таҳия карда шудааст, як қатор лоиҳаҳои эҷодии самти экологӣ тартиб дода шуданд. Маҷмӯи воситаҳои ёрирасони дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологӣ (супоришҳои ташхисӣ ва инкишофдиҳандаи сатҳҳои гуногун, бозиҳо бо нақшҳои корӣ, захираҳои интернетӣ, рефератҳо), ки дар шароити амалия озмуда шудаанд, тартиб дода шудаанд. Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд ҳангоми тартиб додани мундариҷаи таълими экологии донишҷӯёне, ки дар ихтисосҳои педагогии дигар таҳсил мекунанд, мавриди истифода қарор гирад.

Мӯътамадӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро нуқтаҳои зайл таъмин мекунанд: асоснокии назариявию методологии таҳқиқот, гуногунии усулҳо, ки ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат доранд, характернок (репрезентативӣ) будани натиҷаҳои таҷрибавию озмоишӣ, омезиши таҳлили миқдорию сифатӣ, истифодаи коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот, иштироки шахсии муаллиф дар кори таҷрибавию озмоишӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқотот ба амалия.

Натиҷаҳои таҷрибаҳои педагогӣ оид ба асосҳои педагогиии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)-ро самаранокии таҳқиқотро тасдиқ кард. Таҳсилоти экологӣ

омили муҳимтарини ҳалли бӯҳрони экологӣ мебошад. Сатҳи ин таҳсилот, аз бисёр ҷиҳат бо вазъи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгор муайян карда шуд. Вале сатҳи омодагии донишҷӯёни курсҳои боло ва омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти экологию педагогӣ кофӣ нестанд.

Ҳангоми муайян кардани натиҷаҳои таҳқиқот корҳое мавриди таҳлил қарор гирифтанд, ки дар онҳо мундариҷа ва механизмҳои ташаккули фарҳанги экологии омӯзгор таҳқиқ шудааст. Дар натиҷаи ин таҳлил муайян карда шуд, ки дар сохтори фарҳанги экологии омӯзгор ҷузъҳои экологию аксиологӣ, экологию рафторӣ (фаъолиятӣ) ва экологию педагогиро ҷудо кардан мумкин аст. Дар рафти ҳалли ин вазифа диссертант мақсад, вазифаҳо, принсипҳои махсус, мундариҷаи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технологияро дар шароити таълим дар муассисаи таълимии олӣ имкониятҳои фанҳои гуманитарӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, математикӣ, табиатшиносӣ, умумикасбӣ, предметиро дар ин қарина ба таҳлил кашидааст.

Инчунин, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба муайянсозӣ, асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) ва истифодаи арзишҳои таълимӣ ва гузаронидани озмоиш дар ташаккули қобилияти эҷодӣ вазифаҳоро пурра иҷро гардида, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Хулосаҳои назариявӣ, таклифҳо ва пешниҳодҳои Исматдинов А.М. дар мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ инъикос ёфтаанд.

Исматдинов А.М. дар давоми фаъолияти кори илмӣ 12 мақола, аз он ҷумла 6 - мақолаи илмии вобаста ба мавзуъ, ки аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, 6 мақолаи илмие, ки дар конфронсҳои илмию назариявӣ аз чоп баромадаанд, интишор намудааст.

Боиси тазаккур аст, ки 1 комплекси таълимӣ методӣ аз фанни Экология бо забонӣ русӣ ва 1 васоити таълим барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба “Асосҳои ташаккули

фарҳанги экологӣ (дар мисолаи фанни Асосҳои истеҳсолот)" аз чоп баромадаст.

Рисолаи номзадии Исматдинов А.М. таҳти мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)" мустақилона анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи технология ва методикаи таълими они
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

Имзои А.А. Азизов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Наврӯзов Э.М.

**Маълумот барои тамос:**
**суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел. (+992)927474115. Почтаи электронӣ: univer.81@mail.ru